*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — 5 октябри соли 2016 — №3 (49)

## ГУЗОШТАНИ САНГИ АСОСИ СОХТМОНИ БИНОИ ДОНИШКАДАИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА МЕНЕҶМЕНТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ

Дар рӯзи сеюми сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳалаи Ориёнои шаҳри Кӯлоб бо гузоштани санги асос ва нома ба наслҳои оянда ба сохтмони бинои маъмурию таълимӣ, озмоишгоҳи таълимию илмӣ ва хобгоҳи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб расман оғоз бахшиданд.



Шахраки маъмурию таълимӣ ва истиқоматии Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб бо дастгириҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Дирексияи иншооти ҳукумати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд мегардад. Дар айни замон лоиҳаи ангоравии иншооти мазкур тасдиқ шуда соли 2017 барои сохтмони бинои маъмурию таълимии 11 ошёна, озмоишгоҳи таълимию илмӣ ва хобгоҳи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб 13 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Мувофиқи дурнамо дар биноҳои нав барои ба таълим фаро гирифтани 3000 донишҷӯй шароит фароҳам оварда шуда ҳамчунин хобгоҳи дорои шароити муосир бунёд мегардад, ки барои 600 нафар пешбинӣ шудааст. Мувофиқи нақшаи дурнамо дар ин мавзеъ ҳамчунин бинои истиқоматии 9 ошёна барои омӯзгорон, толорҳои бузурги маҷлис ва варзишӣ, боғ ва майдонҳои истироҳатию бозиҳои гуногуни варзишӣ сохта мешавад.

Хотиррасон бояд кард, ки Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб тибқи дастуру супоришҳои бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи дурнамои барномаи тараққиёти вилояти Хатлон ва шаҳри Кӯлоб бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2003 таъсис дода шуда муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба тайёр намудани мутахассисони соҳаи саноат ва технологияҳои муосири соҳавӣ мебошад. Ҳоло дар Донишкада дар 5 факулта аз рӯйи 35 ихтисос 2015 донишҷӯӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаast. Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар сохтори Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи таълимӣ барои омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳа амал намуда дар шаҳри Кӯлоб ҳамчунин дар тобеияти худ як литсейи инноватсионӣ дорад.

# ҲАДАФИ АСОСӢ-НИШОНДИҲАНДАҲОИ СИФАТӢ

### Вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳайати устодону профессорон ва кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар партави иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи Дониш 1 сентябри соли 2016

Коллективи бисёрҳазорнафараи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар қатори халқи шарафманд ва соҳибхиради ҷумҳурӣ ифтихор доранд, ки тахти роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи дар зарфи чоряк аср тайкардаи худро ҷамъбаст намуда, бо шукрона аз фазои оромиву осудагӣ бузургтарин ҷашни миллиамонро бо ифтихори баланди ватандӯстона ҷашн гирифтанд.

Аз рӯзҳои аввали истиқлол дар тӯли 25 соли баъдин, давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаи омӯзонидани донишҳои муосиру замонавӣ ба наврасону ҷавонон ва дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, ифтихор аз Ватану ватандорӣ, ҳисси баланди миллӣ ва арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанг тарбия кардани онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, рушди илму маориф ва ислоҳоти он соҳаҳоро омили муҳимтарини наҷоти миллат аз таҳдиди хатарҳои муосир ва таҳкими давлат эълон дошт ва ин буд, ки дар ин муддат корҳои назаррасе ба анҷом расонида шуданд.

Таҳлили Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил имсол бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишгоҳи давлатии Данғара, баъд аз ифтитоҳи бинои нави таълимии донишгоҳи мазкур дар фазои тантанавӣ баргузор гардид, ки мо ҳамагон шоҳиди бевоситаи он будем.

Дар баромади худ, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз воқеаҳои даҳшатвори солҳои 90-уми асри гузашта ёдовар шуда, хисороти расида ба соҳаи маориф, саҳми баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аввалин иқдоми наҷотбахш дар роҳи истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ ва дигар корҳои ба анҷом расонидашударо қайд намуданд.

Хусусан, қайд карда шуд, ки "Ҳукумати мамлакат дар сиёсати стратегии худ аз рӯзҳои аввали сулҳу оромӣ ва



устувор гардидани ваҳдати миллӣ ба соҳаи илму маориф афзалияти бештар дод ва ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ, бунёду навсозӣ, сохтмону таъмири муассисаҳои таълимӣ шурӯъ намуд.

Дар ин муддат якчанд қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти соҳа қабул гардида, барои татбиқи стратегия, консепсия ва барномаҳои нави давлатӣ миллиардҳо сомонӣ сарф карда шуд.

Дар натиҷа соҳаи маориф аз бухрони вазнин наҷот ёфта, роҳи ислоҳоту навсозиро пеш гирифт".

Ҳадафи асосии Ҳукумати мамлакат дар зинаи таҳсилоти олиро, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - ҷорӣ кардани стандартҳои байналмилалӣ, ба таҳсилоти ҷаҳонӣ наздик кардани барномаҳои таълимӣ, навсозии сифати таълим ва омода кардани кадрҳои босалоҳияте, ки ҷавобгӯи талаботи бозори дохиливу хориҷӣ бошанд, муайян намуда моро водор месозад, ки тамоми нерӯю қувваи худро баҳри расидан ба ҳадафҳои гузоштшуда равона намоем.

Дар ин самт, моро зарур аст, ки ба ташкили раванди таълим диққати ҷиддӣ дода, усулҳои нави таълимро ҷорӣ намоем, зеро талаби ягона аз мо омодасозии мутахассиси дорои касбияти баланде мебошад, ки дар бозори меҳнат харидори худро пайдо намояд.

Аз ин лиҳоз, Департаменти идораи ҷараёни таълим ва сифати таҳсилот (Тошматов М.Н.) вазифадор карда мешавад, ки то охири соли таҳсил, оид ба такмили раванди таълим, таҳияи стандартҳои нави таълимӣ, таҳияи нақша ва барномаҳои таълимии нав, ташкил ва баргузории раванди назорати марҳилавӣ ва ҷамъбастии имтиҳоноти ҷорӣ, таҳияи маводҳои назоратӣ (тестҳо) ва сифати онҳо, истифодаи усулҳои нави таълимӣ дар раванди дарс пешниҳоди худро ба раёсат ирсол намуда дар ин самт семинарҳои омӯзишӣ баргузор намояд.

Дар баромади худ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи пешгирии таъсири ҳама гуна омилҳои манфӣ, аз ҷумла кирдорҳои коррупсиониро, ки ба сифат ва самаранокии таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъсир мерасонад, қайд намуданд. Дар робита ба ин масъала, ба ақидаи ман, бо мақсади кам намудани таъсири омилҳои номатлуб моделли нави қабули санҷишҳои марҳилавию ҷамъбастиро коркард намуда, онро дар раванди таълим ҷорӣ кардан зарур аст ва раёсати донишгоҳ роҷеъ ба ин масъала сохторҳои дахлдорро вазифадор намудааст. Бояд гуфт, ки мақсади мо тамоман дур намудани омӯзгор аз қабули имтиҳон нест. Ҳадафи асосии мо ин аст, ки шаффофияти қабули имтиҳонот ва ба ин васила сифати таълимро таъмин намоем.

Мо ҳамагон шоҳиди онем, ки ҳукумат ва давлат ба шароити таълим, таҷҳизонидани озмоишгоҳҳо, толору майдончаҳои варзишӣ ва шароитҳои маишии донишҷӯён ва омӯзгорон диққати махсус медиҳад. Бинои сохта ба истифодадодашудаи Донишгоҳи давлатии Данғара

*(Давомаш дар саҳ. 3)*

# ПАЖУҲИШГАРИ ДАҚИҚНАЗАР



Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки пешоҳанги татбиқ намудани низоми кредитии таҳсилот маҳсуб меёбад, устодону кормандони зиёде кору фаъолият менамоянд, ки саҳмашон дар рушду нумуи натанҳо донишгоҳ, балки ривоҷу равнақи илму маърифат ва ободию шукуфоии кишвари азизамон низ назаррас аст.

Яке аз омӯзгорони фидокори соҳаи илм, мураббии мушфиқу ҳалим Икромӣ Муҳаббат Бобоевна мебошад ва метавон бидуни муболиға изҳор дошт, ки ин зани ҳалиму хоксор ва устоди дилогоҳ воқеан ҳам сарсупурдаи роҳи илму ирфон ва ҷонфидои тадрису таълим аст ва умри азизу бобаракати худро дар роҳи омӯзондану парваридани шогирдон сарф намудааст.

Муҳаббат Бобоевна баъди хатми факултаи кимиёи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (соли 1973) дар ҳамон ҷо ба кор мемонад ва баъди чанд соли фаъолият ба ҳайси корманди илмӣ ба Академияи илмҳои Тоҷикистон шомил гашта, то соли 1991 иҷрои вазифа кардааст. Ӯ аз соли 1991 то инҷониб дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кору фаъолияти пурсамари худро ба роҳ мондааст ва ҳоло профессори кафедраи кимиёи донишгоҳ ва дар як радиф бо фаъолияти омӯзгорӣ аз соли 1991 то соли 2004 ва аз соли 2010 то имрӯз котиби Шӯрои олимони донишгоҳро ба ухда дорад.

Муҳаббат Бобоевна пайваста дар пайи омӯзишу ҷустуҷӯ ва эҷоди асарҳои илмӣ мебошад. Дар баробари он, ки ӯ соли 1989 дар Пажуҳишгоҳи кимиёи умумӣ ва ғайриузвии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ рисолаи номзадӣ ҳимоя намудааст, инчунин дар самти эҷоду ихтироот ва навоварӣ низ корҳои шоистаро анҷом додааст.

Маҳз натиҷаи кӯшишҳои пайваста ва пажуҳишҳои пайгиронаи ин зани некӯхисол аст, ки ихтирооти вай дар соҳаи истеҳсол намудани рангҳои табиӣ аз гиёҳу дарахтони гуногуни кишвари азизамон сазовори таҳсину офарин гашта, ба гирифтани диплому шаҳодатномаҳои махсус муваффақ гардидаанд ва дар намоишгоҳҳои гуногун ба маърази тамошо гузошта шудаанд.

Танҳо хотиррасон кардани он нукта басанда мебошад, ки ин олимаи мӯътабар ва пажуҳишгари дақиқназар бо ҳамкории олимону устодони дигар ба мисли Исмоилова М.А., Мирзораҳимов Қ.К., Шарипова М.Б. ва дигарон усулҳои ҳосил кардани ранги ғизоӣ аз ҷӯби дарахти биҳӣ, аз пӯстлохи ҷормағз, ранги сурхи ғизоӣ аз чойкаҳак, эрғай, гули қоқу, шулха, ширинбия ва решаи ревоҷ, дулонаи кӯҳӣ, инчунин усулҳои ранг кардани гӯштро кашф намуда, ин ихтирооти худро расман тасдиқ кунонидааст ва барои онҳо патентҳои дахлдорро соҳиб гаштааст, ки муаллифии ӯро тасдиқ менамоянд.

Саҳми Икромӣ М.Б. дар ҷорӣ намудани системаи кредитии таҳсилот дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ арзанда мебошад. Бо роҳбарии ӯ дар кафедра семинарҳои илмӣ-методӣ оид ба баланд бардоштани сифати таълим ва усулҳои муосири таҳсил гузаронида мешаванд. Муаллима ба ғайр аз фаъолияти пурсамари омӯзгорию таълимӣ дар тадқиқотҳои илмӣ низ фаъолона иштирок меварзад. Икромӣ М.Б. муаллифи зиёда аз 150 мақолаи илмӣ, як монография, 27 дастури таълимӣ аз фанҳои кимиёи умумӣ, кимиёи таҳлилӣ, кимиёи ғайриузвӣ, кимиёи хӯрока ва ғайра мебошад. Соҳиби 8 патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ихтироот мебошад. Таҳти роҳбарии Икромӣ М.Б. ду аспирант ва се унвонҷӯ тадқиқотҳои илмиро дар мавзӯи "Ҳосил намудани рангҳои ғизоӣ аз растаниҳои Тоҷикистон" иҷро менамоянд. Соли сипаригашта ду нафар аспирант рисолаи номзадиро дифоъ намуда, ду рисолаи дигар ба ҳимоя омода гардидааст.

Ҳамчун ташкилотчии кордон дар ҷодаи таълиму тарбия, барои маҳорати баланди педагогӣ ва тайёр намудани мутахассисони варзида чандин маротиба бо ифтихорномаҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишгоҳ, инчунин мукофотҳои пулӣ қадр карда шудааст. Барои хизмати бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, тайёр кардани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ бо нишони фахрии "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз гардонида шудааст.

Муҳаббат Бобоевна аз зиндагии худ бисёр шукргузор аст, ки ӯ бо амри тақдир ба Ҷонон Икромӣ - фарзанди нависандаи маъруфи кишвар устод Ҷалол Икромӣ ба шавҳар баромада, дар ин хонадон аз суҳбатҳои файзбори он бузургвори донандаи таъриху адаби миллат шарафёб гардидааст. Ҳаққо, ки дар ҳар суҳбати устод Ҷалол Икромӣ як мактаби бузурги тарбия, саршори панду насиҳат буд ва дарёи ҳикмату маърифат ба шумор мерафт. Маҳз он панду андарзҳои он устоди шодравон буд, ки Муҳаббат Бобоевна ҳар як калимаи онро ба гӯшу ҳуши худ гирифта, онро шиори зиндагӣ ва сармашқи кору фаъолияти умри бобаракати худ намуд ва онҳоро дар зиндагӣ истифода карда ба пешравию муваффақиятҳо ноил гардид.

Муҳаббат Бобоевна ба ҳайси котиби Шӯрои олимони донишгоҳ, ки масъулияти ниҳоят баланд дорад, корҳои муҳиму шоистаеро ба анҷом мерасонад. Худ, ки дар таълифи рисолаву мақолаҳои илмӣ заҳмату кӯшишҳои зиёде кардааст, барои офаридани асарҳои илмию монографияҳо кумаку дастгириашро дареғ надошта, пайваста кӯшиш менамояд, ки дар пешрафту рушди толибилмону унвонҷӯён саҳми арзанда гузорад.

***Наргис Гулбекова,***
***унвонҷӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***

# ДИЛБОХТАИ КАСБ



Марде ҳар субҳ вориди саҳни донишгоҳ мегардад, ки дар сараш барфи андӯҳи зиндагӣ кайҳо маскан дорад. Қадамҳояшро чида-чида дар роҳрав мегузораду ба атрофу акноф бо ҳавас назар медӯзад. Дарахтони сарсабзи арча, гулҳои рангоранги роҳрав, обҳои ҷорӣ таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб менамояд. Ин субҳ гӯё табиат тамоми зебогиҳои худро ба пешвози ӯ омода карда бошад. Дилаш аз фараҳ лабрез мешавад, аз қаъри чашмонаш шуълаи рушанӣ сар боло мекунад, дастонаш гиро мешаванду зиндагӣ дар осмони чашмонаш зеботар ба ҷилва меояд. Мард аз ин лаҳзаи ширину гуворо ба шавқ меояд ва ҳар замон чашмоншро ба қаъри осмони бекарон дӯхта, шукрона менамояд, ки дар фазои сулҳу осоиштагӣ умр ба сар мебарад.

Муаллим Мизроби Исмоилзодаро ҳар субҳ донишгоҳи азизаш (ДТТ) бо ҳамин минвол пешвоз мегираду бо ҳамин рӯҳия ба хонааш гусел мекунад. Зеро ӯ ин даргоҳи илму маърифатро хеле дӯст медорад ва дар ин ҷо ба ӯ олитарин рисолати инсонӣ таълиму тарбияи шахси соҳибдилу соҳибмаърифат ва мутахассиси варзида насиб гардидааст. Ҳар рӯз дар кӯчаву хиёбонҳо ба баъзе ҷавонони мағруру раҳгумзада рӯ ба рӯ мешавад ва ангушти ҳайрат зери дандони ақл монда, дар тааҷҷуб мемонад, ки чӣ тавр волидайн дар тарбияи ин қабил ашхос иштибоҳ кардаанд. Акнун аз ин иштибоҳи волидайн на танҳо ҷомеа, балки худи падару модар низ ҳамчун узви ин ҷомеа ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Устод меандешад, ки ашхоси бетарбия монанди хишти ноҳанворе мебошад, ки бинои ҷомеаро ба вайронӣ мебарад.

Ӯ миллати худро дар баробари инсонҳои рӯи замин, навобаста аз хулқу дин ва мулку масканашон дӯст медорад. Мехоҳад ва таманно дорад, ки ҳамватанонаш дар баробари арзишҳои миллӣ ва исломӣ нисбати арзишҳои инсонӣ низ эҳтиром гузоранд, зеро дунёро бо як халқу миллат ва давлат наметавон ободу зебо кард.

Устод бо ифтихор аз шогирдони худ ҳарф мезанад ва ҳар гоҳе онҳо бо ӯ дар роҳравҳо, дарсхонаю даҳлезҳои донишгоҳ салом медиҳанд, чеҳрааш амсоли гулҳои зебои баҳорӣ мешукуфад ва аз чашмони осмониаш борони шодиву раҳмат меборад. Ин лаҳзаҳо устод аз касби интихобкардааш, аз қиблагоҳи раҳнамояш ва аз устодони сахтгиру меҳрубонаш ёдовар шуда, шукргузорӣ менамояд. Падари азизаш ҷанӯз дар солҳои 40-уми қарни гузашта бахри саводнок намудани мардум хизматҳои беназир кардааст. Шояд ба ҳурмати заҳматҳои падар бошад, ки ӯро то ҳол мардуми Душанбе ва атрофу акнофи он "писари муаллим" гуфта, ном мебаранд. Аз ин лутфу эҳтиром устод болидарӯҳ мешавад ва эҳсос менамояд, ки касби пуршарафи муаллимӣ чи қадар азизу муқаддас ва шахсияти ӯ шоистаи эҳтиром аст. Падари меҳрубону ғамхораш ба Мизроб замоне касби муаллимиро интихоб намуд, мисраъҳои зеринро ёдовар шуда, гуфта буд:

**Домани устод гиру**
**шод шав,**
**Муддате хизмат куну**
**устод шав.**

Мизроб Аҳмадович риёзидони нуктасанҷ ва дақиқназар мебошад. Мақолаву рисолаҳои эшон дар риштаи муҳими илмӣ дар тамоми гӯшаву канори дунё эътироф шудаанд. Ӯ мекӯшад ва мехоҳад, ки забони модариашро бо тамоми вижагиҳояш дар технологияи компютерӣ татбиқ намояд. Бо ин мақсад мудом мекӯшад, ки забоншиносиро ба шеваҳои амику дақиқи риёзӣ таҳқиқ намояд. Ӯ таманно дорад, ки забони ниёгони пурифтихораш дар радифи забонҳои пуриқтидори дунё дар шабакаи ҷаҳонии интернет фаъол бошад, ӯ роҳҳо ва шеваҳои ҷадид ва дастраси тадқиқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва мавқеи зада дар калимаҳоро бо истифода аз имконоти техникӣ ва риёзӣ пажуҳиш намояд. Ӯ бо ин мақсад мактаби илмие созмон додааст, ки шогирдон онро бо ифтихор "мактаби устод Исмоилов" меноманд. Рӯзҳои панҷшанбе дар ин мактаб баҳсу мунозираҳо доир мегарданд, ки дар он муҳаққиқону муҳарририну муаллимон ҷамъ меоянд ва аз сабақҳои устод баҳравар мешаванд.

Дафтари кории устод хеле хоксорона ва одӣ мебошад. Ин ҷо ҳама меоянд: донишҷӯ, унвонҷӯ, ҳақиқатҷӯ, суханшинос, инсоншинос ва ҳар касе хоҳад бо умед ворид ин дафтари кӯчаке, ки як дунё хираду донишро дар худ ғунҷондааст, мегарданд. Муаллим ҳамаро қабул мекунад ва аз пурсишу мубоҳисаи шогирдону меҳмонон хушҳол мешавад, зеро аз бахри бекарони дониш ӯ дар қатори омадагон баҳравар мегардад, аз шогирдон меомӯзад ва ба ҳамагон меомӯзонад. Ӯ муаллимро амсоли офтоби оламоро медонад. Офтоб ба ҳама мардум баробар ва бедареғ нурпошӣ мекунад. Дар зери нурҳои заррини офтоб шоҳу гадо, соҳибсарвату муҳтоҷ баробаранд. Ва муаллим ҳамчунон нури донишро баробар ба ҳама мебахшад. Ва Мизроб Исмоилзода низ ҳамчун офтоб дар байни шогирдон ҷилобахшу нурбахш аст.

***Шаҳром***

# ОМӮЗГОР, ШОИР, ТАРҶУМОН

Ҳарчанд, ки тораҳои сафед дар мӯйҳо анҷом шуда ҳанӯз ҳам гомҳо устуворанд. Ва пайваста ба сӯи ин даргоҳи бонуфуз майли омадан мекунад. Равзанаи розаш ин ҷо ба сӯи ҳама боз аст. Марҳамбари доғу дарди пиру барно эътироф шудааст дар ин даргоҳ. Чун бо ҳама дар муносибат самимӣ асту заминӣ ҳамин гуна подош бо ӯ низ ҳаст. Яъне чун устод забардаст эътироф шудаву эҳтиромро қоим гашта дар ин даргоҳ. Устод Саид Сангин - омӯзгор, шоир, тарҷумон ва мудири китобхонаи донишгоҳ. Ҳарфу ҳиҷо сифату шахсияти ин марди бохирадро баёнгар аст.

Устод Саид Сангин инсони наҷибу закиянд. Субҳгоҳ чун вориди китобхона мешавам устодро мебинам, ки сари кору фаъолият ҳастанд. Ӯ ҳамчун роҳбар кордону масъулиятшинос аст. Ҳарчанд устод дар дигар вазифаҳо фаъолият намудааст, вале боз ҳам меҳри касби омӯзгорӣ, ишқи хомаву шеър ӯро оварда ба ин даргоҳ. Ӯ аз фанни забони русӣ ба шогирдон сабақ меомӯзонад. Дар рафтору гуфтору кирдор пайваста тарғиб мекунад шогирдонро, ки аз боғи маърифат хуша бичинанд бахри роҳи фардои худ. Ин макон (ДТТ) як боргоҳи сабзи илму маърифатро мемонад ва устод Саид Сангин яке аз суханғӯёни онро. Тасодуф буд, тақдир буд ё ишқи маонӣ устод Саид Сангин низ гаҳ-гаҳе сари зулфи сухан шона мекунад ва хеле ошиқонаву диданиву шунидани. Аз ишқи ёру диёр, аз муҳаббати модар, аз ҳама буду набуди зиндагӣ дар эҷод хирмани сабақро таҷриба мекӯбад. Муҳим нест, ки мегӯяд, дами субҳ, сари шом ё дили шаб, муҳим он аст, самимӣ мегӯяд. Эҷодаш мухлисони худро дошта шеърашро мехонанду суроғаш мекунанд. Маҷмӯаҳояш аз қабили "Душа мая, Душанбе", "Ситораҳои ориёнзамин" ва дигар шеърҳояш дар маҷаллаи "Помир" чоп шудаву ҳаводорони шеъраш тариқи шабакаи интернет ашъорашро мехонанд.

Салими Хатлонӣ - шоир, тарҷумон, доктори илмҳои филологӣ дар китоби "Ситораҳои ориёнзамин" пешгуфтор навишта чунин гуфтаанд: "Сангин ашъоре дилнишин дорад ва ҳам бо ифрози ақидатии як ҳаводори ин ашъор метавонам гуфт, ки на аз аввалин ва ҳам на аз охирин шоирони русзабони Тоҷикистон аст ва ҳам бо ин сабки шоирие, ки дорад аз он дигар шоирони русзабоне, ки ҳам дар Тоҷикистон зиставу эҷод кардаанд, муваффақтару комгортар аст. Зеро дар муҳити адабпарвари рус ба воя расидааст ва решааш аз дарёи адабофари форсӣ обишхӯр дорад."

Воқеан меҳнат инсонро бошараф, бохирад ва баруманд мегардонад ва аз ӯ воқеан инсони комил месозад. Месазад аз рӯзгори чунин омӯзгорон, чунин фидоиёни адабу касб ибрат омӯхт. Ба пиндори мо агар дар дунё дар ҳаққи як инсони самимии ватандори вассофи Ватан ҳарчи сухани накӯ гуфта шуда бошад, месазад, ки ҳамагиро такрор созем дар сифати устод.

Мақсад аз ин гуфтаҳо шинохти рисолати инсонист дар симои инсони асил. Ва кош инсонҳо, бахусус ҷавонон дидаи хирад бикшоянду аз шабнами маонӣ баргу гули ин гуна тафаккурҳо бардоште кунанд. Ва ба устод Саид Сангин орзу мекунем тану ҷони сиҳатро, парвози баланди андешаи бикрро, дар эҷодиёти оянда ҷилваи суханинакӯю ҳусни баёни равонро.

***Тағойгули Саъдулло, корманди китобхонаи донишгоҳ***

# ҲАДАФИ АСОСӢ-НИШОНДИҲАНДАҲОИ СИФАТӢ

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

худ шоҳиди ин гуфтаҳост. Дар баробари ин, гузоштани санги асос барои сохтмони бинои Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, омодашавии лоиҳаи сохтмони Донишгоҳи давлатии Хоруғ, гузоштани санги асоси бинои Донишгоҳи тиббии Данғара ва аз ҳама асос, ки ба мо муносибати бевосита дорад, ин гузоштани санги асос барои сохтмони яке аз сохторҳои таркибии донишгоҳи мо - Донишкадаи технологӣ ва инноватсионии шаҳри Кӯлоб мебошад, ки ин боз як маротибаи дигар таваҷҷуҳи зиёд нисбати омодасозии мутахассисони соҳаи техника ва технология доштани Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро тасдиқ менамояд. Садорати донишкадаро зарур аст, ки тамоми имкониятҳои худро бахри роҳандозӣ намудани ин лоиҳа истифода намояд. Ва бо боварии том гуфта метавонам, ки дар се соли наздик Донишкадаи технологӣ ва инноватсионии шаҳри Кӯлоб соҳиби биноҳои таълимӣ ва хобгоҳу майдончаҳои варзиши нав мешавад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар масъалаи маърифати пасти истифодаи воситаҳои муосири техникӣ дар раванди таълим чунин қайд намуданд: "Дар шароити таҳаввулоти босуръати илмиву технологӣ зарурати дар раванди таълим ҷорӣ кардани воситаву таҷҳизоти инноватсионӣ амри воқеӣ гардида, ба роҳ мондани таълим тавассути воситаҳои муосири техникӣ ногузир мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то ҳол малакаи аз ин воситаҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ истифода карда тавонистани омӯзгорон, бахусус муаллимони равияҳои гуманитарӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад."

Дар робита ба ин, сохторҳои марбутаи донишгоҳ вазифадоранд, ки нисбати мавҷудияти таҷҳизоти техникӣ, сатҳ ва малакаи истифодаи он дар раванди машғулиятҳо, инчунин, пешниҳод нисбати бозомӯзии омӯзгорон ба раёсати донишгоҳ маълумоти мушаххас пешниҳод намоянд.

Инчунин, масъалаи диққати бештар додан ба омӯзиши фанҳои равияҳои табииву техникӣ ва риёзиву дақиқ, тарғибу таълими ин фанҳо ба таври иловагӣ ва тавассути барномаҳои махсуси телевизионӣ ба роҳ мондан, маводи зарурӣ доир ба ин фанҳо таҳия ва ба нашр намудан, ҳамзамон бо ин, аз курсҳои бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорони ин фанҳо роҳандозӣ ва заминаи моддиву техникии утоқҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои ба ин равияҳо нигаронидашуда таҳким бахшидан, дар суханронии Пешвои миллат шунида шуд, ки ин худ шаҳодати диққати махсус ба омодасозии мутахассисони соҳаҳои техника ва технология мебошад. Аз ин рӯ, тамоми кафедраҳои умумитехникӣ, техникӣ ва технологии донишгоҳро зарур аст, ки ҷалби омӯзгорони соҳиби дараҷа ва унвони илмидошта, таҳияи китобҳои дарсӣ, мавод ва дастурҳои таълимӣ, айёниятҳои таълимӣ, сохтани макет ва таҷҳизотҳои хатҳои технологӣ ва аз ҳама асос, сифати машғулиятҳои таълимиро таъмин намоянд. Бо ин мақсад, таҳти роҳбарии муовини ректор Тошматов М.Н., Юсупов М.Ч. ва Ҳакимов Ғ.Қ. гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда нақшаи чорабиниҳо таҳия ва ба Шӯрои олимон пешниҳод карда шавад.

Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилотро зарур аст, ки барои кушодани ихтисосҳои самтҳои барои иқтисоди миллии кишвар зарурӣ ба ҷойи ихтисосҳое, ки дар бозори меҳнат рақобат надоранд, ба раёсат пешниҳоди худро ирсол намояд.

Ҳамкасбони азиз, чи тавре ки аз суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, мо бояд ба масъалаҳои ба пуррагӣ ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсил, таҳияи маводҳои тақсимшаванда, сифати таҳияи силлабусҳо, сифати таҳияи саволномаҳои тестӣ, тартиби баргузории имтиҳоноти марҳилавӣ ва ҷамъбастӣ, сифати машғулиятҳои таълимӣ, таъмини озмоишгоҳҳо бо таҷҳизоти озмоишӣ ва ғайраҳо диққати махсус диҳем, зеро донишгоҳро аз рӯи сатҳи дониш ва маҳорату малакаи касбии хатмкардагони он баҳо медиҳанд. Вақти он расидааст, ки аз нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба сифатӣ гузашта, ҳар яки мо баҳри расидан ба сифати баланди омодасозии мутахассисон саъю кӯшиш намоем.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар масъалаи аҳамияти сулҳ, нақши калидии он дар ҷаҳони муосир, мақому манзалати сулҳу субот барои халқи мо ва арҷ гузоштан ба ин неъмати бебаҳо аз ҷониби наврасону ҷавонон ва кулли шаҳрвандони мамлакат изҳори андеша намуданд, ки "Аз ҳодисаву рӯйдодҳои чанд соли гузашта, бахусус моҳҳои охир маълум мегардад, ки бар асари бухронҳои сиёсӣ, бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо ҷиҳати аз нав тақсим кардани ҷаҳон, инчунин, шиддат гирифтани низоъҳои диниву мазҳабӣ дар чандин кишварҳои исломӣ, амалҳои даҳшатбори террористӣ дар як қатор минтақаву кишварҳои сайёра вазъи ҷаҳони муосир боз ҳам мураккабу ҳассос гардидааст". Аз ин рӯ, ягона талаби Пешвои миллат аз мо, моҳияти арзиши бебаҳо - сулҳу осоишро ба шогирдон дуруст шарҳ дода, аҳамияти онро, бахусус, дар шароити имрӯза возеҳу равшан тавзеҳ додан аст.

Қайд карда шуд, ки "Вазъи имрӯза ва хатарҳои афзоянда бояд шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонони моро хушёр созанд, ки ба ҳар гуна ҳаракату гурӯҳҳои тундрав шомил нагарданд ва зиракии сиёсиро аз даст надода, барои ҳифзи давлатдории миллиамон кӯшиш намоянд ва Ватани азизамонро чун меҳри модар муқаддасу гиромӣ доранд".

Дар ин самт бояд қайд намуд, ки на танҳо як шуъбаи тарбиявӣ ва на як муовини декан оид ба тарбия ва ё куратори гурӯҳ, балки тамоми кормандону омӯзгорон бетараф набуда истифода аз имкони қулай дар ин мавзӯъ бо донишҷӯён суҳбат намуда арзиши сулҳу ваҳдатро фаҳмонида диҳем. Шояд, ҷавононе, ки имрӯз донишҷӯи мо мебошанд дар бораи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки мамлакатамонро хароб ва мардумамонро бесарпаноҳ ва гурезаву сарсон намуда буду халқ барои пайдо кардани як бурда нон шабу рӯз дар дарвозаи нонпазхонаҳо хоб мекарданд, чизе надонад ё тасаввуроте надошта бошад. Аз ин рӯ, корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт бояд дар тамоми сатҳ ҷоннок карда шуда, ба ин кор бояд Шӯрои собиқадорони донишгоҳ, Шӯрои занони донишгоҳ ва шуъбаи кор бо ҷавонон фаъол бошанд. Аз ин лиҳоз, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ вазифадор карда мешавад, ки нақшаи воҳӯриҳоро таҳия намуда барои тасдиқ ба раёсат пешниҳод ва тибқи он баргузории воҳӯриҳоро таъмин намоед.

Суханронии имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дарси сулҳ ва огози соли нави таҳсил, ки дар остонаи ҷашни биступанҷумин солгарди Истиқлолияти давлатӣ баргузор гардида буд, аз солҳои пешин ба куллӣ фарқ дошта муҳтавои асосии он ҳидояткунанда барои омодасозии мутахассиси соҳибкасби дорои донишҳои замонавии техникию технологӣ, ватандӯсту созандаи ояндаи ватан буд ва ман бо боварии комил гуфта метавонам, ки коллективи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз уҳдаи вазифаҳои гузоштаи Сарвари давлат бо сарбаландӣ баромада, баҳри ободии ватани азизамон - Тоҷикистон, саҳми арзанда мегузоранд.

***Амонзода И.Т., ректори ДТТ***

= = = = 5-УМИ ОКТЯБР - РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН = = = =

## УМРИ МИЛЛАТ БА УМРИ ЗАБОН ВОБАСТА АСТ

**28-уми сентябри соли ҷорӣ дар толори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ воҳӯрии устодону донишҷӯёни донишгоҳ бо кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

**Воҳӯриро ноиби ректор оид ба корҳои тарбиявӣ Заррина Юсуфова ифтитоҳ намуда, бо камоли эҳтиром суханро ба ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур дод. Ректори донишгоҳ ба таври мухтасар аз хусуси рушди босуботи забони давлатӣ, ба хусус дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ва саҳми беназири Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эммалӣ Раҳмон дар ташаккули татбиқи забони давлатӣ ҳарф зада , аҳли толор, алалхусус донишҷӯёнро, ки татбиққунанда ва тарғибгарони ояндаи забони ноби тоҷикӣ маҳсуб хоҳанд ёфт, ба риоя намудани қонуни қоидаҳои забон, тозагии он ва ҳангоми муошират истифода кардан аз забони адабӣ даъват намуд.**

**Сипас, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Саодатшоҳ Матробиён дар мавзӯи " Умри миллат ба умри забон вобаста аст" ва профессор Қурбон Восиев дар мавзӯи "Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули татбиқи забони давлатӣ" маърӯзаҳои пурмазмун намуда, андешаҳояшонро ҷиҳати рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ ва роҳҳои татбиқи амалии он баён карданд.**

**Дар анҷоми воҳӯрӣ С. Матробиён ба ноиби ректор оид ба таълим Тошматов М.Н. ва мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва шабакаҳои компютерӣ Одинаев Н.С. барои саҳм гузоштанашон дар татбиқи қонуни забони давлатӣ ифтихорномаҳои Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро супорид. Ба саромӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ ва шабакаҳои компютерӣ Ибодулло Ҳақёров бошад, нишони Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.**

**Порчаҳои шеърии ба васфи Ватан ва забон бахшида, ки аз ҷониби донишҷӯёни донишгоҳ ва хонандагони литсейи инноватсионии "Душанбе" -и назди донишгоҳ қироат гардиданд, ба иштирокчиёни ҷамъомад ғизои маънавӣ бахшиданд.**

***Департаменти корҳои тарбиявӣ***

## ЗАБОН РУКНИ АСОСИТАРИНИ ДАВЛАТДОРИСТ



Раванди ба истиқлолу соҳибихтиёрӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон як марҳилаи мушкили давраи навини таърихи Тоҷикистон аст. Мардуми Тоҷикистон дар давраи муҳокима ва қабули қонуни забон ба таври возеҳу равшан рӯҳияи истиқлолхоҳӣ ва озодихоҳии худро нишон доданд. Метавон гуфт, ки муҳокима ва қабули қонуни забон давраи аввали ба истиқлол расидани Тоҷикистон аст. Дар ин ҷараён ҳам мардуми зиёии тоҷик ва ҳам ҳукумати онвақтаи Тоҷикистон якпорчагиву якмаромии хешро баръало маълум намуданд ва дар атрофи манфиатҳои волои миллии хеш ҳамфикру муттаҳид гардиданд, ҳол он ки дар давраҳои баъдинаи паёми сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон ин хусусиятро доро набуд ва ҳамин ҳамдигарнофаҳмиву мансабталошӣ Тоҷикистонро ба ҷанги бародаркушӣ тела дод. Дар партави қабули қонуни забон моҳи сентябри соли 1990 дар назди академияи илмҳо бо қарори Шӯрои вазирони Тоҷикистон Кумитаи истилоҳот таъсис ёфт. Яъне кумитаи истилоҳот низ як сол қабл дар моҳи эълон гардидани истиқлоли Тоҷикистон ташкил шудааст. Яъне аз ҳадафҳои асосии таъсисёбии кумитаи истилоҳот ба тартиб овардани истилоҳоти забони тоҷикӣ ва татбиқи қонуни забон мебошад. Кумитаи истилоҳот, кормандони он дар тамоми ҷорабиниҳо ва тадбирҳое, ки аз тарафи Шӯрои вазирон амалӣ мегардид, фаъолона ширкат варзиданд. Махсусан назорати татбиқи қонуни забон ва таҳияи фарҳангу луғатҳои истилоҳӣ мақсади асосии фаъолияти кумитаи истилоҳот гардид. Аслан истилоҳот ва истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ таърихи қадима дошта, яке аз унсурҳои асосии пешрафти забон ҳамчун забони давлатӣ ва расмиву коргузорӣ мебошад. Тавре ки маълум аст, он дорои як системаи мунназами истилоҳот буд ва коргузорӣ дар девондории аксари салотину подшоҳон аз давраи тоҳириён сафавиён сар карда бо забони форсӣ сурат мегирифт. Дар замони ҳукмронии сулолаи манғитиён дар Аморати Бухоро низ забони тоҷикӣ дар баробари туркии ҷағатоӣ, забони расмии давлатӣ буд. Баъд аз инқилоби Бухоро ва барқарор шудани сохти шӯравӣ дар қаламрави он ва таъсис ёфтани Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон забони тоҷикӣ дар ин ҷумҳурӣ дар баробари забони узбекӣ забони расмии давлатӣ эълон гардид. Ва ҳамин давра марҳилаи нави истифодаи забони тоҷикӣ (форсӣ) дар идораҳои давлатӣ шурӯъ гардид, ки то ба имрӯз идома дорад. Дар солҳои бист то соли 1929, яъне то иваз шудани алифбои арабӣ бо алифбои лотинӣ забони форсии тоҷикӣ пайванди мустаҳками худро ба давраи пеш аз инқилоби рушди забон нигоҳ дошта, инкишофи он хусусияти табиӣ дошт. Дар ин давра дар баробари ворид шудани калимаҳои русиву аврупоӣ дар забони тоҷикӣ истилоҳҳои наве пайдо шуданд. Ба меъёрҳои талаффузи забон, яъне савтиёти он мувофиқ гардонда мешуданд. (комитет-кумита ва ғайра).

Имсол ба мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ 27 сол мешавад.

Муҳимтарин натиҷаи ташаккули сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи забон дар баёни мӯъҷази Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифода ёфтааст: "Забон рукни асосии миллат ва давлат аст, миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушди комили миллат ва давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд".

***Таҳияи Неъматуллои Мирзошоҳ, донишҷӯи курси 2-юми ДТТ***

# БОНУИ ИХТИРОЪКОР



Заррина Яминова. Ин бонуи ихтироъкор, ки хеле ҷавон аст, дастпарвари Донишгоҳи технологии Тоҷикистон буда, онро соли 2008 бо ихтисоси муҳандис-технологи саноати сабук (бо дипломи аъло) хатм намудааст.

Боиси хурсандист, ки Зарринабону тобистони соли ҷорӣ дар Озмуни байналмилалии занҳои ихтироъкори ҷаҳон "KIWIE-2016", ки рӯзҳои 14-24 июни соли 2016 дар Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ баргузор шуд, иштирок карда, дар байни 400 нафар бонувони ихтироъкор, ки намояндагони 25 давлати ҷаҳон буданд, ба гирифтани медали нуқра мушарраф гардид.

Заррина соҳиби 4 нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як патенти Авруосиё, 20 мақолаи илмӣ, 4 санади татбиқӣ мебошад. Дорандаи дипломи дараҷаи 1-уми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои навоварӣ дар Озмуни ҷумҳуриявии олимони ҷавон "Навовари беҳтарин-2014" , дипломи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар намоишгоҳ бахшида ба Форуми нахустини ихтироъкорони ЧТ "Аз ихтироъ ба инноватсия", дипломи иштирокчии Маркази миллии патенту иттилоот барои иштирок дар озмуни "Ихтироъкорони Тоҷикистон", Ифтихорномаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои саҳми арзанда дар ҳаёти иҷтимоии донишҷӯён, амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон, титули фахрӣ ва медали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои беҳтарин натиҷагирӣ дар самти фаъолияти меҳнатӣ тахти мароми "Муваффақият+" дар соли таҳсили 2013-2014 мебошад.

Заррина, ки тибқи квотаи Президентӣ таҳсил намудааст, шукри ободиву осоиштагии кишвар, шукри дастгириву ғамхориҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намуда, кӯшиш мекунад, ки дар самти ихтироъкорӣ натиҷаҳои боз ҳам беҳтарро ба даст орад.

*Р. Масъуд*

# БУЗУРГОН ДАР ВАСФИ МУАЛЛИМ

Пешаи омӯзгорӣ муқаддастарин касби рӯи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон, маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

* * *

Муаллим бо касби хоксоронаи худ корҳои бузурге мекунад, ки ибтидои хираду тавоной ва зебоии олам аст ва самараи заҳмати худ, идомаи орзуҳои аҷиби худро дар симо ва кору амали шогирдонаш мебинад.

*Бобоҷон Ғафуров*

* * *

Қадри устод аз падар
беш аст,
В-аз падар устод
дар пеш аст.

*К. Бинои*

* * *

"Муаллим, то даме, ки зиндааст, мехонад. Ҳамин, ки аз хондан бозмонд, симои муаллимиаш низ барҳам мехӯрад".

*К. Д. Ушинский*

* * *

"Муаллими ҳақиқӣ ҳамонест, ки дониши ӯ дониши хонандагонаш гардад".

*Д. И. Менделеев*

* * *

Агар дар ҷаҳон набвад
омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад
рӯзгор.

*А. Ҷомӣ*

* * *

"Агар муаллим барои эҳёи тафаккури насли нав хизмат намекард, зиндагӣ як лаҳза ҳам пеш намерафт".

*А. С. Макаренко*

* * *

Муаллим бояд кори худро бидонад ва ба масъулияти сангини худ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дошта бошад. Омӯзгор метавонад шахсони шоиста тарбия намояд, ӯ қодир аст, ки ҳатто одами бадкирдорро некӯ гардонад.

*Ҳусейн Мазоирӣ*

# ДОНИШАТРО БИСАНҶ ВА ТАКМИЛ ДЕҲ!





Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР:
Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т.,Тошматов М.Н., Ҳакимов Ғ.Қ., Бобоев Х.Б., Юсупова З.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3


Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.


*Рӯзнома 14 июни соли 2011 таҳти рақами 0136/рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ-и «Каримҷон Қодирӣ»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 1000 нусха.*